АПРЕЛИ 2025 | №5

***Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ***

# ТАВАССУТИ ВАСОИТИ АХБОРИ УМУМ

*БЮЛЛЕТЕН*



***Фаришта Абдуллоева дар ҳоли пешниҳоди ахбори обу ҳаво***

Дар чорчӯбаи фаолиятҳои зерлоиҳаи “Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон (БСООТИ)”, ки бахше аз лоиҳаи “Мусоидат ба раванди банақшагирии самараноки мутобиқшавӣ (НММ) барои Тоҷикистон”-и Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ) буда, аз ҷониби Фонди Иқлими Сабз (ФИС) маблағгузорӣ мешавад, маводҳои огоҳибахши видеоӣ бо истифода аз усули интерактивӣ вобаста ба масъалаи тағйирёбии иқлим ва тадбирҳои мутобиқшавӣ таҳия шуда, аз тариқи воситаҳои ахбори умумимиллӣ пахшу нашр гардиданд.

Маводҳои мазкур дарбаргирандаи даҳ видеорилсҳо барои “Маъракаи обуҳавои кӯдакони БРСММ” ва даҳ видеорилси интерактивӣ барои ташаббуси “Овози иқлими мардум” мебошанд.

Ҳадафи наворҳо баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба тағйирёбии иқлим бо роҳу усулҳои гуногун мебошад:



***Саҳначаи рақсӣ оид ба обшавии пиряхҳо***



***Қироати шеър оид ба тағйирёбии иқлим***

## *Наворҳои видеоӣ барои “Маъракаи обуҳавои кӯдакони БРСММ”*

Ҷиҳати амалисозии вазифаҳои дар пешистодаи зерлоиҳаи (БСООТИ) дар ростои баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ, алалхусус дар байни мухотабони ҷавон, 10 маводи видеоӣ (видеорилсҳо) дар ҳамкорӣ бо лоиҳаи “Мусоидат ба раванди банақшагирии самараноки мутобиқшавӣ (НММ) барои Тоҷикистон”-и Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ) ва Агентии Обуҳавошиносӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (АОҲҶТ) таҳия гардида, тавассути Муассисаи давлатии телевизиони кӯдакону наврасон “Баҳористон” намоиш дода шуданд.

Наворҳо бо равишу усулҳои креативӣ таҳия гардида, таъсири тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ дар фаслҳои гуногуни солро инъикос намуда, ҳамчун намунаи олӣ ва муваффақи ҷалби тамошобинони кӯдак ва наврас ба маъсалаи тағйирёбӣ иқлим ва мутобиқшавӣ намоиш дода шуданд. Аз сӯи дигар ин барномаҳо дарбаргирандаи паёмҳои омӯзишӣ ва огоҳидиҳӣ оид ба роҳу усулҳои мутобиқшавӣ низ буданд.

Шаш навори видеоӣ дар формати воқеии пешгӯии обу ҳаво таҳия шуданд. Дар наворҳо кӯдакон зоҳир шуда вазъияти обу ҳаворо барои шаҳру минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон пешниҳод карданд. Дар охири хабарҳои боду ҳаво барандагон паёмҳои кӯтоҳ оид ба тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ дар соҳаҳои афзалиятнок: кишоварзӣ, захираҳои об, энергетика, нақлиёт, ҷангал ва саноат низ тақдим карданд.



***Пушти саҳнаи омодагии кӯдакон барои пешниҳоди ахбори обу ҳаво***

Таҳия ва пахшу нашри ин наворҳо дар ҳамкории зич бо Агентии обуҳавошиносии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт.

Агентии обуҳавошиносӣ маълумоти дақиқи пешгӯии вазъияти обуҳаворо пешниҳод намуда, наворҳо дар асоси маълумоти боваринок ва боэътимод таҳия гардиданд. Боваринокӣ илмӣ будани маводи видеоӣ бар иловаи паҳлӯи омӯзишӣ ва маълумотии он мебошад.

Ин маъракаи чандрасонаӣ на танҳо доираи расонидани паёмҳои тағйирёбии иқлим барои ҷавононро васеътар намуд, балки воситаҳои креативии таъсиррасонӣ барои эҷод намудани тағйири рафторӣ тавассути мӯҳтавои кӯдакписандонаро низ падид овард.



***Пушти саҳнаи омодагии кӯдакон барои пешниҳоди ахбори обу ҳаво***



***Пушти саҳнаи омодагии кӯдакон барои пешниҳоди ахбори обу ҳаво***

# Таҳияи наворҳои интерактивӣ дар чорчубаи ташаббуси “Овози иқлимии мардум”

Ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ, зерлоиҳаи (БСООТИ) 10 навори видеоӣ (видеорилсҳо) дар чорчубаи ташаббуси “Овози иқлимии мардум” таҳия ва нашр намуд.

Наворҳои мазкур кӯдаконро ҳидоят медиҳанд, ки оид ба олудагии ҳаво, обшавии пиряххо ва вазъияти ҷангалҳо дар шароити тағйирёбии иқлим огоҳ бошанд. Ин маводи видеоии кӯдакон тавассути Муассисаи давлатии телевизиони кӯдакону наврасон “Баҳористон” намоиш дода шуд. Тамоми видеоҳо паёмҳои гуногуни омӯзанда доранд. Паёмҳои видеоии креативӣ тарзе тарроҳӣ ва таҳия шудаанд, ки дар баланд бардоштани сатҳи огоҳии умумӣ оид ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим тавассути форматҳои ҷалбкунанда ва дастрас саҳм мегузоранд.

Маводҳои таҳияшуда инчунин дарбаргирандаи қиссаҳои муваффақият ва намунаҳои амалии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Маводҳо шомили саҳнаи рақсӣ ва таҷассум намудани пиряххо ва таъсири гармшавии иқлим, қироати шеър, тарона дар мавзуъи кишоварзӣ ва дигар масъалаҳое, ки ба тағйирёбии иқлим нигаронида шуда буданд, мебошанд.

Видеоҳои таҳияшуда дар телевизёни давлатии “Ҷаҳоннамо” нашр шуданд, ки паёмҳои возеҳи худро тавассути жанрҳои гуногуни ҳунарӣ ба доираи васеъи бинандагон ва шунавандагон ва дар тақсимбандии секторҳои афзалиятнок дар масъалаи тағйирёбии иқлим, пешниҳод намуданд.



***Наворҳои интерактивӣ оид ба тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ***



***Пушти саҳнаи омодагии кӯдакон барои пешниҳоди ахбори обу ҳаво***

Наворҳои мазкур бо сифату меъёрҳои баланд дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои расонаии пешгоми маҳаллӣ ҷавобгӯ бо меъёрҳо ва сифати олӣ таҳия шудаанд.

Бо таҳия ва нашри маводҳои расонаӣ метавон гуфт, ки ин иқдом ва ташаббус тамос бо мардумро дар масъалаи тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ тақвият дода, сатҳи огоҳиро боло бурд. Аз тарафи дигар видеоҳо фаҳму дарки чолишҳо ва роҳи ҳалҳо дар шароити Тоҷикистонро пешниҳод намуданд.




***Саҳначаи рақсӣ оид ба тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ***

**Хулоса:** Маъракаи обуҳавои кӯдакони Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ) бо мақсади баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ, алалхусус миёни ҷавонон, 10 маводи видеоии креативиро таҳия намуд, ки тавассути телевизиони кӯдакону наврасон “Баҳористон” намоиш дода шуданд. Наворҳо таъсири тағйирёбии иқлим ва усулҳои мутобиқшавиро дар фаслҳои гуногуни сол инъикос намуда, паёмҳои кӯтоҳ оид ба соҳаҳои кишоварзӣ, захираи об, энергетика, нақлиёт, ҷангал ва саноатро дарбар мегиранд. Таҳия ва пахши ин наворҳо бо ҳамкории Агентии обуҳавошиносӣ сурат гирифта, маълумотҳои дақиқи обу ҳаворо асоси таҳияи боваринок ва илмии маводҳои видеоӣ қарор дод. Ин маъракаи чандрасонаӣ доираи расонидани паёмҳои тағйирёбии иқлим барои ҷавононро васеъ намуда, воситаҳои креативиро барои тағйири рафтор тавассути мӯҳтавои кӯдакписандона фароҳам намуд.

Ташаббуси "Овози иқлимии мардум" бо мақсади баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ оид ба тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ, 10 навори видеоӣ ва видеорилсҳоро таҳия ва пахш намуд, ки кӯдаконро дар бораи олудагии ҳаво, обшавии пиряххо ва вазъияти ҷангалҳо огоҳ мекунад.

Ин маводҳо тавассути телевизиони кӯдакону наврасон “Баҳористон” намоиш дода шуда, паёми огоҳидиҳӣ доранд. Ҳар як навор бо форматҳои креативӣ тарроҳӣ шуда, сатҳи огоҳии умумиро дар бораи мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим боло мебарад. Наворҳо намунаҳои муваффақият ва қиссаҳои амалии мутобиқшавӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла саҳнаҳои рақс ва қироати шеърро дар бар мегиранд.

Видеоҳо инчунин дар телевизиони давлатии “Ҷаҳоннамо” нашр шуда, бо сифати олӣ ва меъёрҳои баланд ҷавобгӯ мебошанд. Ин ташаббусҳо огоҳии мардумро дар масъалаи тағйирёбӣ ва мутобиқшавӣ баланд бардошта, фаҳм ва дарки чолишҳо ва роҳҳои ҳалли онҳоро дар Тоҷикистон баён менамоянд.

***БРСММ ташкилоти пешбари Созмони Милали Муттаҳид мебошад, ки барои хотима додан ба камбизоатӣ, нобаробарӣ ва тағйирёбии иқлим талош мекунад. Бо шабакаи васеи коршиносон ва шарикони рушд, мо дар 170 кишвари ҷаҳон фаъолият мекунем, то ки ба кишварҳо дар таҳияи қарорҳои ҳамгирошуда ва пойдор ба нафъи башарияту сайёра кӯмак расонем.***

***Барои маълумоти бештар моро дар сомонаи undp.org ё @UNDP пайгирӣ кунед.***




***Пешниҳоди ахбори обу ҳаво***




***Пешниҳоди ахбори обу ҳаво***




***Пешниҳоди ахбори обу ҳаво***